## АНДЕША

**Замони муосир, ақидаро аз хусус он, ки шахс соҳиби касб гардида, то охири умр бо истифода аз он зиндагии бофароғат хоҳад кард, то андозае ботил баровард. Зеро пешрафти ҳамарӯзаи илму техника боиси такмили олоти меҳнати ҷӣ кормандони илмиву зъҷодӣ ва ҷӣ техникиву истеҳсолӣ шуда, такмили касб зарурияти доимӣ гардид.**

Бахсус дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки дар он ҳама гуна фаъолияти шахс ба талаботи бозор нигаронида шудааст, бозори меҳнат низ хостори касбу кори ба он ҷавобгӯ мегардад. Бо пазардошти ин сохторҳои масъули давлатӣ ва ихтиёрии ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯшиш доранд, ки бо истифода аз имконоти молиявии давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятии ватаниву байналмилалӣ баҳри такмили касб ва аз худ намудани касбҳои нав барои мардум давраҳои омӯзишӣ таъсис медиҳанд.

Аз хусуси зарурияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ ба ин самт истода, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон аз 20 январи соли ҷорӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, **«Танзими давлатии муносибатҳои меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, касбомӯзӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ ба суботи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита дорад».**

Аз ин лиҳоз, қайд намуд Сарвари давлат **«..., вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати тақвият бахшидан ба омодагии касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ раванди таълими касбиро ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи воқеии бозори меҳнат мутобиқ гардонанд».**

Дар робита ба ин, ба роҳбарону масъ-

Хоруг то охири соли 2016 бояд 3962 нафар ба касбомӯзи фаро гирифта шаванд. Ба ҳолати нӯҳ моҳи соли 2016 ФМД "МТКТ" дар шаҳри Хоруғ, 2261 нафарро ба омӯзиш фаро гирифтаанд, ки ин 57,1 % нақшаро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, 645 нафар аз ҳисоби барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, 605 нафар худмаблағгузор, 590 нафар тавассути шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ, 101 нафар аз ҳисоби ТҶБХ "Ҷовид" ва 280 бо кумаки намояндагии Донишкадаи ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи таълими калонсолони Олмон (DVV International).

Мувофиқи нақшаи барномавӣ, мегӯяд сарвари филиал, дар соли 2016 бояд 785 нафар шахсони бекоре, ки дар қайди шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят ҳамчун бекор ба қайд гирифтаанд, тибқи роҳхатҳо ба омӯзиш фаро гирифта мешаба рушти устувор ва тағйирот" ҳамкорӣ менамояд.

Дар доираи ин Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии "Қалам" ва "Мадина" тренерон ва мураббиён оид ба таълими касбҳои алоҳида омӯзонида шуда, барои гузаронидани курсҳои омӯзишӣ дастурҳои таълимӣ, асбобу анҷом ва автомобилҳои сайёри таълимӣ дастрас карда шуданд. Бо истифода аз имконоти фароҳамовардашуда, аз моҳи июн ин ҷониб, дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоб аз рӯйи ихтисосҳои "Муҳосиб", "Боғдор", "Кафшергари газу барқ" ва "Устои таъмиргари таҷҳизотҳои барқӣ" курсҳои омӯзишии 24 рӯза гузаронида шуданд. Дар ин курсҳо 280 нафар ҷавонони аз синни 15 то 29 сола касбҳои дар боло зикршударо аз худ намуданд.

**Мактаби Маълумоти касбӣ ва давомдори (ММКД) ДОМ**

# ТАКМИЛИ КАСБ ЗАРУРИЯТИ ДОИМӢ ГАРДИД



Ин муассисаи таълими касбӣ дар кишвар соли 2006 таъсис ёфта, моҳи январ – июни соли 2008 марказҳои он дар дар шаҳрҳои Душанбе ва Хоруг, баҳори соли 2011 бошад, идораи барнома дар шаҳри Файзободи Афғонистон, баъдан Маркази таълимии такягоҳии он дар вулусволии Шугнони Афғонистон таъсис ёфтанд. Соли 2014 ММКД марказҳои нави такягоҳии он дар Ишкошим, Нусай ва Файзободи Афғонистон боз кард. Ин-

# ШИФОБАХШИ ДАРДИ ДИЛ ТАБИБ АСТ

Касалхонаи вилоятии бемориҳои дил маконест, ки ба ин ҷо маризон ҳангоми фишорбаландӣ, фаъолияти номураттаби дил ва дар аксарияти мавридҳо дар ҳолати вазнин тавассути ёрии таъҷилӣ ворид мешаванд. Вале ҳангоми дохил шудан ба дарвозаи ин макони биҳиштосо, гузаштан аз назди боғи пур аз долу дарахт ва гулу гулзор, қадам ниҳодан ба роҳраву ҳуҷраҳои тозаю озода, дидан намудан аз навиштаҷоту овезаҳои пандомӯз ва чеҳраҳои кушоду муносибати самимии табибону ҳамшираҳои тиббӣ дарди маризон бе муболиға то дараҷае сабук, нафасашон озод, табъашон ҷоқ ва боварӣ нисбати барқарор шудани саломатиашон зоҳир мегардад.

Сардухтури беморхона - Авазбек Қудратбеков солҳои тӯлонӣ вазифаи роҳбарии ин даргоҳро бар дӯш дошта, шахси ботамкину кордон ва ниҳоят масъулиятшинос аст. Ӯ нисбати зердастон серталаб ва дар муносибат бо маризон ғамхору меҳрубон буда, зимни вохӯрӣ бо чеҳраи кушод чун дӯст ва рафиқу бародар муомила мекунад. Табибони касалхона – Сабзина Азорабекова, Ақлимо Отамбекова, Ақлимо Ошурмамадова, Марҳабо Назаралиева, Ҳиммат Ширинбеков, Иқбол Шогунбе-

